# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат)» аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ пешниҳод мегардад**

Мавзӯи интихобкардаи унвонҷӯ Маҳмадалиев Э. Ш. зери унвони «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат)»-ро яке аз мавзӯҳои актуалӣ ва муҳим ҳисобидан мумкин аст, чунки дар замони муосир, ки дар ҳама самтҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла, дар низоми маориф, хусусан, дар омодакунии омӯзгорони ояндаи муассисаҳои таълимӣ, технологияҳои иттилоотӣ бояд самаранок истифода шавад. Алҳол техникаву технология рушд ёфта, дар муассисаҳои таълимии миёнаи умумии ҷумҳурӣ ба омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат), ки ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ мебошанд, ниёз дорад.

Чунон, ки аз автореферат бармеояд, ҳадафи таҳқиқот аз асосноккунии назариявӣ ва таҳияи усулҳои ташаккули маҳорати касбии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат) бо истифодаи технологияи муосир иборат мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, 2 боб, ки аз 8 фаслҳо иборат буда, боби аввал «Асосҳои методии омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат) дар таълими конвергентӣ» ва боби дуюм «Самарабахшии таълими конвергентии технологияи иттилоотӣ ва технологияи касбӣ дар омодакунии омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат)» ном гирифта, дар автореферат оид ба бобҳо дар алоҳидагӣ маълумоти муфассал оварда шудааст.

Қайд мегардад, ки истифодаи таълими конвергентӣ ба ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён ба тарзи мусбат таъсир мерасонад агар:

- иртиботу алоқаи донишҷӯён дар ҷараёни таълими конвергентӣ фаъолтар бошад ва таваҷҷуҳи онҳо ба боло бурдани маҳорати касбӣ бештар гардад;
- таълими технологияи конвергентӣ ва ҳамоҳангии раванди машғулиятҳо ҷиҳати ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорониояндаи фанни технология (таълими меҳнат) таъмин карда шавад;
- таълими конвергентӣ ба фаъолнокии донишҷӯён ҳангоми таҳсил мусоидат намояд;
- коркарди барномаи мушаххаси таълимӣ (силлабус) ба доир кардани дарси самаранок дар ҷараёни таълими технологияи конвергентӣ ёрӣ расонад;
- таълими конвергентӣ рушди зеҳнӣ ва қобилияти техникии донишҷӯёнро васеъ гардонад.

– азхудкунии босифати мафҳумҳои таълими технологияи конвергентӣ дар баробари зиёдшавии дониш, ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯёнро таъмин намояд.

Аз автореферат маълум мегардад, ки мундариҷаи асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадалиев Э.Ш. дар зиёда аз 19 номгӯи корҳои илмӣ инъикос карда шудааст, аз ҷумла 11 мақола дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Росия тақризшаванда ба нашр расонида шудааст.

Дар хулоса бояд қайд кард, ки таҳқиқотеро, ки аз тарафи Маҳмадалиев Э.Ш. ба иҷро расонида шудааст, аз нигоҳи назариявию амалӣ таҳқиқоти зарурӣ ба ҳисоб рафта, барои рушду нумӯи илми педагогика саҳмгузор мегардад.

Бояд гуфт, ки диссертатсияи Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич таҳти унвони «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорониояндаи фанни технология (таълими меҳнат)» таҳқиқоти ба анҷомрасонида ба ҳисоб рафта,

ҷавобгӯи ба талаботи Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ арзанда аст.

**Тақриздиҳанда:**
Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон,
доктори илмҳои техникӣ, профессори
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ. Сафаров Маҳмадалӣ Маҳмадиевич

Имзои профессор М. М. Сафаров-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 734042, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони а
кадемикҳо Раҷабовҳо 10.
Веб-сайт: info@ttu.tj, ttu@ttu.tj.